Ба ҳуқуқи дастнавис

**Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович**

# ХУСУСИЯТҲОИ ЛУҒАВӢ-ГРАММАТИКИИ ФЕЪЛ ДАР "ТАЪРИХИ БУХОРО"-И НАРШАХӢ

**Ихтисос: 10.02.01 – забони тоҷикӣ**

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

**Роҳбари илмӣ**
**н.и.ф., дотсент Мирбобоев Азизхон**

**Душанбе-2019**

**Кор дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ **Мирбобоев Азизхон** |
| **Муқарризони расмӣ:** | доктори илмҳои филологӣ, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Мухторов Зайнидин Мухторович** |
| | доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишкадаи давлатии забонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода |

Ҳимояи диссертатсия 20-уми июни соли 2019, соати 13:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, www/tgpu/tj) шинос шудан мумкин аст.

**Автореферат фиристода шуд “---“ ---------- соли 2019**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**

**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Зарурат ва аҳамияти мавзӯъ**. Ҷойгоҳи феъл ҳамчун ҳиссаи нутқ дар сохтори дастурии забонҳои дорои низоми гуногуни олам мухталиф аст, аммо чунонки аз натиҷаҳои пажӯҳишҳои забоншиносии муосир бармеояд, дар забони тоҷикӣ ин ҳиссаи нутқ мақоми хосса дорад. Таърихи ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ нишон медиҳад, ки шаклҳои феълӣ аз даврони бостон то замони муосир ба тағйироти ҷиддие мувоҷеҳ шуда бошанд ҳам, вале то ҳол нақши феъл дар низоми грамматикӣ бидуни тағйир боқӣ мондааст. Хусусиятҳои луғавию грамматикии феълҳои тоҷикӣ дар ҳама сатҳи забон мушоҳида мешавад, ки онҳоро танҳо дар сурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи сохтори феъл бар пояи осори арзишманди классикӣ, ки “Таърихи Бухоро”-и Абӯбакри Наршахӣ аз ҷумлаи онҳост, ошкор кардан мумкин аст. Пажӯҳиши хусусияти забонии “Таърихи Бухоро”-и Абӯбакри Наршахӣ барои забоншиносии тоҷик дорои аҳамияти фавқулода мебошад, зеро асари мазкур дар замоне эҷод шудааст, ки забони адабии тоҷикӣ дар марҳилаи ташаккул ва таҳаввули сабкҳо ва меъёрҳои дар даврони оғозин шаклгирифта қарор дошт. Бинобар ин, дар забони он давра муодилҳои талаффузии вожагон ва тобишҳои гуногуни дастурию луғавии онҳо ба назар мерасад. Табиист, ки ташаккули бисёре аз омилҳои забонӣ ва фарозабонӣ, мисли корбурди таркибҳои архаистӣ, унсурҳои лаҳҷавии он даврон, таъсири забонҳои дигар, аз ҷумла забони арабӣ ва субстрати забонҳои эронии шарқӣ ва монанди инҳо унсурҳои появии ташаккули забони осори адабии давраи оғозинро ташкил медиҳанд.

Ҳамаи ин омилҳо дар асри Х11, аз ҷумла дар замони эҷоди тарҷумаи тоҷикии “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ, низ мубрам маҳсуб мешуданд, зеро сабки тарҷумаи асар раванди инкишофи забони адабии форсии дариро бармало мунъакис намудааст.

Дар диссертатсияи ҳозир хусусиятҳои ташаккули забон дар мисоли феъл ва категорияҳои алоҳидаи он таҳқиқ гардидааст. Интихоби таҳқиқи

ин ҳиссаи нутқ аз он ҷиҳат дорои аҳамият аст, ки он муҳимтарин ҳиссаи нутқ буда, дар таърихи ташаккули худ дар робита ба муносибати сохтори луғавӣ-грамматикӣ тағйирот ва таҳаввулоти зиёдеро аз сар гузаронидааст, аксар вақт таҳаввули низоми феъл боиси таҳаввул ва навсозии шакли забон ва ҳамчунин хусусияти хабаррасонии феъл низ шудааст. Аз ин рӯ, барои таҳқиқи равандҳои таҳаввули грамматикии забони асрҳои 1Х-ХХ, ки низ фарогири давраҳои мухталиф аст, таҳқиқи осори хаттии арзишманди даврони навини инкишофи забони тоҷикӣ, ки тарҷумаи форсии "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ дар радифи онҳо қарор дорад, аҳаммияти хоссаеро касб мекунад.

**Дараҷаи омӯзиш ва пажӯҳиши мавзӯъ.** Доир ба таҳқиқи феъл то имрӯз як силсила осори илмии бунёдӣ анҷом дода шудаанд, ки аксарашон ба сурати монография, мақолоти илмӣ ё бахшҳои ҷудогонаи корҳои илмӣ, ки ба баррасии масоили асосии феъл ва хусусиёти дастурии онҳо бахшида шудаанд, интишор ёфтаанд.

Аз таҳқиқотҳои бунёдии муҳаққиқони тоҷик доир ба феъл ва хусусиёти грамматикии он метавон аз таълифоти Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Давлатова, Р. Ҷӯраев, Р.Х. Додихудоев, Л.Г. Гертсенберг, Г. Камолова, Б. Сиёев, М. Маҳмудов, П. Ҷамшедов, Т. Бердиева, Б. Алиев, Р.А. Усмонов, Р. Шодиев, Ж. Гулназарова, Қосимова М. Н., С. Ҳалимов, М. Қосимӣ ва дигарон ёдовар шуд.

Аз муҳаққиқони рус дар иртибот ба мавзӯи мазкур Е.Э. Бертельс, Л. Жирков, Н.А. Белгородский, Н.Н. Томас, А.М. Касаев, И. И. Мещанинов, С.И. Баевский, А.З. Розенфельд, С. Е. Яхонтов, В. С. Расторгуева, А. В. Бондарко, Л.Л. Буланин, И. А. Перельмутер, И. М. Оранский, Ю.А. Рубинчик, Б.Я. Островский ва дигар донишмандон изҳори назар намудаанд.

Дар забоншиносии Эрон ба баррасии мавзӯи мазкур муҳаққиқоне назири М. Муқаддам, А. Ғуломризо, А. Содиқӣ, М. Ботинӣ, Ҳасан Анзалӣ, М. Шариъат, Хусрави Кошонӣ, А. Қариб, М. Баҳор, Ҷ. Ҳумоӣ,

Б. Фурӯзонфар, Р. Ёсимӣ, Ҳусайн Имоди Афшор, Ш. Моҳутиён, П.Н. Хонларӣ, Муҳсин Абулқосимӣ, Ирон Калбосӣ, А. Таботабоӣ, В. Комёр, Гевӣ Ҳасан Аҳмадӣ, М. Ашӯрӣ, Табибзода, Муҷтабо Минуӣ, Муҳин Садиқиён, Мансурӣ Ядуллоҳ, Ҷамила Ҳасанзода, Алиашраф Содиқӣ ва дигарон дахл кардаанд, ки тавассути огоҳӣ бо осори онҳо бисёре аз уқдаҳои рушди таърихии ташаккули забонҳои эрониро, аз ҷумла феълро метавон бозкушоӣ намуд. Афзун бар ин, муаллифон, пажӯҳандагон ва устодони бисёре аз ҳиндуҳо, туркҳо, арабҳо, аврупоиёну амрикоиён аз қабили З. Вендлера, Г.Н. Лича, Ф. Данеша, Ҷ. Вейренса, Р. Л. Аллена ва ғайра низ дар мавридҳои гуногун доир ба феълҳо назархоҳӣ кардаанд.

**Маводи таҳқиқотии диссертатсия** бар пояи картотекаи мисолҳое, ки унвонҷӯ аз матни нусхаи тарҷумаи форсии китоби «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, ки дар захираи дастхатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 513/2 маҳфуз аст, ҳамчунин нусхаҳои дар Эрон ва Тоҷикистон нашршудаи асар мураттаб намудааст, иттико дорад.

**Ҳадафи асосии кори таҳқиқотӣ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои грамматикӣ ва луғавии феълҳои забони адабии давраи классикӣ дар мисоли маводи матни «Таърихи Бухоро» аст. Мутобиқ ба ҳадафи мазкур дар диссертатсия ҳалли чунин масоил муҳим шуморида мешавад:

- ҷамъоварӣ ва банизомдароварии маводи феълӣ дар асоси матни «Таърихи Бухоро» бо назардошти намунаҳо аз осори дигар;

- ба амал овардани таснифи луғавӣ-маъноии феълҳои асар, бар пояи мансубияти онҳо ба гурӯҳҳо ва зергурӯҳҳои муайяни луғавию маъноӣ;

- ба амал овардани таҳлили оморӣ ва корбурдии феълҳои матни мавриди истифодаи асар;

- муқаррар намудани вижагиҳои хосси феълҳои матни асар, ки дар замони муосир аз истифода баромадаанд;

- нишон додани усули рушди минбаъдаи категорияҳои грамматикии феъл, таҳаввули замонӣ ва хусусиятҳои он;

- таҳлили ҷиддии сохтори грамматикии феълҳо ва ошкор кардани асосҳои типии сохтори онҳо;

- таҳқиқи унсурҳои калимасози феълӣ ва нақши онҳо дар ғановати таркиби луғавии забони тоҷикӣ;

- ошкор намудани нақши феълҳои ёвар ва маҳдудаи амалкарди онҳо дар сохти феълҳои таркибӣ; ошкор намудани вижагиҳо ва типҳои луғавӣ-грамматикии онҳо.

**Навгонии илмӣ дар диссертатсия.** Навгонии илмии диссертатсия, қабл аз ҳама, дар он аст, ки бори аввал корбурди феъл дар мисоли яке аз матнҳои тарҷумаи форсии "Таърихи Бухоро"-и Абӯбакри Наршахӣ, ки аз ҷумлаи матнҳои куҳани асари мазкур аст, аз нигоҳи забоншиносӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Инчунин, дар диссертатсия ба таври мушаххас бори нахуст ба таҳлили системавию амиқи хусусиятҳои фарқкунандаи забонии матни тарҷумавии форсии «Таърихи Бухоро» пардохта шудааст.

**Равиши таҳқиқ.** Равиши таҳқиқ дар диссертатсия бо усули синхронӣ сурат гирифта, дар мавридҳои лозимӣ аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва муқобалаии таҳлили сохторӣ, луғавӣ-маъноӣ ва решашиносӣ бар пояи таҳлили синхронӣ истифода гардидааст.

**Аҳамияти назарии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки мавод ва натиҷаи таҳқиқоти мазкур метавонад дар мураттаб намудани қонунмандиҳои низоми феълҳои забони тоҷикӣ ва таърихи ташаккул ва рушди онҳо ва ҳамчунин, омӯхтани давраҳои алоҳидаи рушди забони форсии тоҷикӣ муфид воқеъ гардад. Хулосаҳои назариявии корро метавон дар тавзеҳоти луғавӣ-грамматикӣ ва сохтории феълҳои марҳилаи оғозини давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ ва муқобалаи он бо маводи забонии осори асрҳои минбаъда, бахусус забони адабии муосири тоҷик истифода кард.

**Аҳамияти амалии натиҷаи пажӯҳиш** дар он зуҳур меёбад, ки натоиҷи онро метавон дар тартиб додани луғатҳои тафсирӣ, тарҷумавӣ ва

калимасозии забони тоҷикӣ ва ҳамчунин дар таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимии марбут ба грамматика ва таърихи забони адабии тоҷикӣ истифода кард. Маводи аз ин таҳқиқ бадастомада метавонад дар макотиби олӣ зимни таълими курси морфология ва хондани семинарҳо ва курсҳои махсуси марбут ба марҳилаҳои инкишофи забони адабии тоҷикӣ истифода намуд.

**Нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**:

- таъкид мегардад, ки феълҳои содда дар матни «Таърихи Бухоро» дар муқоиса ба феълҳои сохта ва феълҳои таркибӣ нақши боризтаре доранд, биноан бисёре аз онҳо сермаъно ба назар мерасанд;
- тазаккур дода мешавад, ки дар асар дар баробари феълҳои аслӣ лексикаи феълии иқтибосӣ аз арабӣ низ истифода шудаанд, аммо ба сурати куллӣ феълҳои матн саршор аз унсурҳои тоҷикӣ (форсӣ) аст;
- муқаррар мегардад, ки баъзе аз категорияҳои грамматикӣ, аз қабили "алиф"-и сиғаи нидо ва "йо"-и ҳикоят, ки дар матни «Таърихи Бухоро» истифода шудаанд ва дар замони муосир аз истеъмол баромадаанд;
- нишон дода мешавад, ки шакли сифати феълии замони гузашта, ки ба воситаи он феълҳои тасрифшаванда тавассути пасванди –гӣ сохта мешавад, дар кутуби асрҳои баъд ба назар мерасанд ва дар "Таърихи Бухоро" намунаи он ба назар намерасад;
- иброз мегардад, ки тағйироти дар низоми феъл бааmaломада ҷузъӣ буда, дар умум хусусиятҳои грамматикӣ ва шаклҳои асосии феълҳои забони тоҷикӣ устувории худро нигоҳ дошта, то замони муосир ҳифз шудаанд;
- дар заминаи таҳлили маҷмӯии мавод аз назари муқоисаи хусусиятҳои грамматикии феъл дар марҳилаҳои гуногуни рушди забони адабии тоҷикӣ нишон дода мешавад, ки шаклҳои асосии грамматикӣ ва меъёрии феъл бетағйир то замони муосир расидааст.

**Сатҳи эътимоднокӣ ва муаррифии мавзӯъ.** Хулосаҳои аввалияи таҳқиқи мавзӯи мазкур дар шаклҳои маърӯзаҳо ва гузоришҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои назариявӣ ва мизҳои гирди

баргузоршуда дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ (2014, 2015, 2016, 2017, 2018), ТНУ (2014, 2015, 2017, 2018), Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода (2014), Донишкадаи давлатии исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам (2015), Инсититути забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018) ифода ёфтаанд.

Варианти русии матни диссертатсияи мазкур дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (ҷаласаи № 7 аз 25.02.2017), ҳамчунин дар сексияи забоншиносии назди Шӯрои ДДОТ ба номи С. Айнӣ (аз 28.06.2017, ҷаласаи № 2); ва ҳамчунин варианти тоҷикии диссертатсия санаи 28.01.2019, ҷаласаи № 6 дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва сексияи забоншиносии назди Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (ҷаласаи № 8 аз 7.02.2019) муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар як монография ва 10 мақолаи илмӣ, ки аз он 8-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и ҶТ нашр шудаанд, инъикос ёфтааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 171 саҳифаи чопи стандартии компютерӣ навишта шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** доир ба муҳимияти таҳқиқи мавзӯъ, маводи таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани он сухан рафта, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии диссертатсия, ҳадафу усули таҳқиқ ва сохтори кори таҳқиқшуда сухан рафтааст.

**Боби аввали** диссертатсия **“Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ”** ном дошта, дорои ҳафт зерфасл мебошад. Дар ин боб масоили мубрами марбут ба воҳидҳои луғавии забон (муродифот, мутазод, ҳамгун, сермаъноӣ, сатҳи корбурди феълҳо) дар мисоли феълҳои дар “Таърихи Бухоро” зикргардида мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар зерфасли аввали диссертатсия гуфта мешавад, ки яке аз масъалаҳои илман ҷолиби диққат мақоми феъл дар забонҳои олам низ буда, феълҳо вобаста ба навъи сохтории забон дар ҳар забон ҷойгоҳи гуногун доранд ва на дар ҳама забон мисли забони тоҷикӣ мақоми муҳимтаринро дар байни ҳиссаҳои нутқ касб менамояд. Бахусус дар забонҳои ҳупоӣ, хитоӣ, индонезӣ ва монанди инҳо, баръакси забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва бисёре аз забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ, хусусиёти маъноӣ ва категорияҳои грамматикии феъл кам ба назар мерасад, ки ҳамчун ҳиссаи нутқ тафовут ва аҳамияти мақоми онро дар байни дигар ҳиссаҳои нутқи забон коста мегардонад.

Муҳаққиқи эронӣ Ҳасан Анварӣ феълро чунин тасвир намудааст: Феъл дар ҷумла ҷойгоҳи хабарро ишғол мекунад ва ба танҳоӣ ё ба кумаки вобастаҳое ба чаҳор мафҳум далолат мекунад: 1) мафҳуми шахс; 2) мафҳуми ифрод ё ҷамъ; 3) мафҳуми замон; 4) яке аз мафҳумҳои зер ба сурати мусбат ё манфӣ” [5, 23].

Забоншинос Б. А. Илиш ҳар калимаи ба ягон намуди фаъолият далолаткунандаро феъл ҳисобида, феълро дорои категорияҳои морфологии замон, намуд, сиға, тарз, шахс ва шумора медонад [2, 31].

Сухани муҳимтарин ва ҷамъбасткунандае, ки забоншиносон доир ба феъл баён менамоянд, ин аст, ки феъл ҳар навъ муомилаеро ҳамчун амал ифода менамояд.

Дар зерфасли дувум феълҳои матни “Таърихи Бухоро” аз назари истеъмол ба гурӯҳҳои умумиистеъмол ва камистеъмол ҷудо шудаанд. Хусусияти феълҳои серистеъмол он аст, ки онҳо дар ҳаёти рӯзмарраи

мардум ҳамеша мавриди истеъмол қарор доранд; барои ҳамаи соҳибзабонон фаҳмо мебошанд; барои ҳамаи услубҳои забон баробар хидмат менамоянд; агар забон рӯ ба таҳаввул ва дигаргунӣ ниҳад онҳо аз ҳама охир ба тағйирот дучор мешаванд. Афъоли серистеъмоли марҳилаи аввал (асри Х11) дар мисоли "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ ва ин замон (забони адабии муосир) новобаста аз мансубияти замонӣ ва шеваӣ 90% муштарак ҳастанд.

Дар тасниф ва таҳлили феълҳои дарасарёдшуда асосҳои феъли забони тоҷикӣ ба назар гирифта шуда, он ба ду қисм ҷудо карда шудааст:

а) феълҳои аз асоси замони гузашта шаклгирифта;

б) феълҳои аз асоси замони ҳозира шаклгирифта.

Ҳар феълро бо асос зикр кардан ба он сабаб аст, ки масдар худ муштақ буда, дар заминаи асоси замони гузаштаи феъл сохта мешавад ва анвои гуногуни феълӣ низ дар заминаи асосҳои феълӣ сохта мешаванд; ҳол он ки байни аксари асосҳои феълҳои аслии забони тоҷикӣ (форсӣ) иртиботи муназзам вуҷуд надорад. Дар Таърихи Бухоро 93 феъли содда, 41 феъли сохта ва дар маҷмӯъ бо назардошти шаклҳои гуногуни грамматикӣ садҳо феъли таркибӣ, ки тақрибан нисфи маҷмӯи феълҳои асарро ташкил менамоянд, мушоҳида мешаванд.

Феълҳои серистеъмоли матни "Таърихи Бухоро" аз назари истиқлоли маъноӣ ба ду даста ҷудо шудаанд: а) феълҳое, ки чун феъли ёвар истеъмол гардидаанд, мисли: будан, шудан, кардан ва ғ.; б) феълҳое, ки ҳамчун феъли мустақил истеъмоли фаровон доранд, мисли: гуфтан, омадан, рафтан, фармудан ва ғ.

Масалан, феъли **омадан** (آمدن) аз ҷумлаи феълҳои аслии тоҷикӣ ва серистеъмоли китоби мазкур буда, дар асоси замони гузашта 190 маротиба дучор мегардад. Ин феъл дар "Таърихи Бухоро" ба чунин маънохо омадааст:

а) ворид гардидан, расидан:

*...зикри аҳодисе, ки дар фазилати Бухоро* ***омадааст*** *аз расул [7, 1]. Ва ба рӯзгори ӯ араб ба Бухоро* ***омадан*** *гирифтанд [7, 14]. Ба ҳадисе номи Бухоро ба тозӣ "Фохира"* ***омадааст*** *[7, 43].*

б) омадан, вориди маконе шудан:

*Мардумон аз ҷониби Туркистон* ***омадандӣ*** *[7, 8]. Рӯзи дигар қавми дигар* ***омадандӣ*** *ва бар ҳамин сифат хидмат кардандӣ, чандоне ки навбат ба ҳамин қавм боз расидӣ [7, 15].*

в) равон шудан, ҷорӣ гардидан, маҷро гирифтан:

*Об бисёр* ***меомад*** *ва гили бисёр меоварад [7, 7].*

г) ба дунё омадан, таваллуд шудан:

*Ӯро дар ислом писаре* ***омад*** *ва ӯро Қутайба ном кард, он дӯстии Қутайба, ки ба ҷои ӯ карда буд [7, 17]. Маҳдиро аз вай ду писар* ***омад...*** *[7, 69].*

ғ) рафтан:

*Ҳамза пиндошт, ки мардаш ҳамин қадар беш нест, пештар* ***омад*** *ва ҳарб кард ва он чаҳорсад мард аз камин берун* ***омаданд*** *ва халқе бисёрро ҳалок карданд ва боқӣ ба шаҳр андарбигурехтанд [7, 104].*

д) арзиш доштан, арзанда будан, қимат доштан:

*Қимат карданд дувист ҳазор дирҳам* ***омад*** *[7, 73].*

е) мусовӣ будан, баробар омадан:

*Хотун кас фиристод ва амон хост, сулҳ афтод бар ҳазор бори ҳазор дирам* ***омад*** *ва мол бифиристод мол бигирифт ва бозгашт [7, 73].*

Феъли **омадан** чун феъли ёвар истифода гардида, феъли ососиро дар ҳолати мафъулӣ қарор додааст: *Ва ҳар соле ба ин бозор даҳ ҳазор кас беш ҳозир* ***омадӣ*** *[7, 23].*

Феъли мазкур агарчи дар замони муосир низ аз ҷумлаи феълҳои серистеъмол ва сермаъност, аммо ба ду маънои ахир (арзиш доштан, баробар омадан) истеъмол намегардад.

Ба афъоли камистеъмол феълҳое шомиланд, ки дар "Таърихи Бухоро" ва осори хаттии асрҳои Х11-Х111 кам (на зиёда аз панҷ

маротиба) вомехӯранд, ё онҳо дар забони адабии муосири тоҷик истифода намешаванд. Мисли феъли **андаррафтан** (اندررفتن) феъли камистеъмоли забон буда, дар "Таърихи Бухоро" як маротиба зикр гардидааст: *...он гоҳ бархостӣ ва барнишастӣ ва ба кох* ***андаррафтӣ*** *ва онҳо ба ватани хеш ба русто рафтандӣ [7, 15].*

Дар зерфасли севум - **Таснифи луғавӣ-маъноии феълҳои "Таърихи Бухоро** бо меъёр қарор додани аъзои ҳавосси хамса (панҷ аъзои ҳис) феълҳо ба ду гурӯҳ: мафҳумӣ ва ҳиссӣ ва баъдан ин ду гурӯҳи мазкур бо назардошти хусусиёт ба зергурӯҳҳои мухталиф ҷудо шудаанд.

Ба феълҳои мафҳумӣ ҳамон феълҳоеро дар назар дорем, ки дар иҷро ва фаҳми онҳо узвҳои ҳавосси хамса нақш надоранд ва танҳо тавассути ақлу заковати инсонӣ амали онҳо дарк карда мешаванд. Теъдоди ин гурӯҳи феълҳо дар "Таърихи Бухоро" хеле кам аст. Намунаи онҳо: донистан, ёфтан, тарсидан, омӯхтан, пиндоштан, дӯст доштан ва ғ.

Ба феълҳои ҳиссӣ феълҳоеро метавон дохил намуд, ки дар дарк ва фаҳми онҳо ҳамаи аъзои ҳис ва ё ҳадди ақал яке аз узвҳои ҳавоси хамса мисли ё босира, ё ломиса, ё шомма, ё зоиқа ва ё сомиа нақш дошта бошанд, мисли: гуфтан, афтодан ва ғ.

Дар зерфасли чаҳорум феълҳои аслии (решагии) забони тоҷикӣ тавсиф шуда, онҳо якҳиҷоӣ ё дуҳиҷоӣ номида шудаанд. Аз 92 феъли соддае, ки дар асар зикр шудааст, ҳамагӣ 17-тои он сеҳиҷоӣ, 47-тои он дуҳиҷоӣ ва 28-тои он якҳиҷоӣ аст. Аз ин 17 феъли сеҳиҷоии дар асар зикргардида, як феъли сеҳиҷоӣ вожаи иқтибосии арабӣ буда, боқимонда (ба истиснои "пазируфт") ҳамагӣ феълҳои ҷаълӣ мебошанд.

Хусусияти феълҳои аслии забони тоҷикӣ ба ғайри ҳиҷо аз он иборат аст, ки шикасти реша дар онҳо ба амал намеояд, яъне реша дар ҳамон шакле, ки ҳаст, ҳифз карда мешавад ва асоси замони гузашта ҳамеша бо ҳуруфи "т" ва ё "д" хатм мешавад. Ҳамчун нишонаи феълҳои решагии забони тоҷикӣ маҳсуб нагардидани феълҳои сеҳиҷоӣ дар он аст, ки онҳо аз асоси замони ҳозира-оянда бо иловаи пасванди –**онид** ё ин ки –**ид** ва

баъзан бо –**ист** сохта шудаанд ва феъли “пазируфт” аз ин қоида истисно аст. Дар асар фақат як феъли аслан иқтибосӣ (арабӣ) – **талабидан**-ро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар зерфасли баъдӣ категорияҳои луғавии феъл: муродифот, мутазодҳо, ҳамгун (омоним, таҷнис) ҳамчун воситаи муассирияту шаҳомат ва ҳусни сухан тавсиф шудаaанд.

Дар зерфасли шашум масъалаи истифодаи феълҳои модалӣ таҳқиқ гардида, онро чун гурӯҳи махсуси феълҳои ёвари ифодакунандаи муносибат ба воқеият ташреҳ гардидаанд, ки дорои тобишҳои сиғавӣ мебошанд **[1, 247]**. Феълҳои **тавонистан, хостан, боистан, шоистан** ҳамчун феъли модалӣ тавзеҳ гардидаанд. Вижагии махсуси ин гурӯҳ он аст, ки онҳо дар сохтани феълҳои таркибӣ нақш доранд.

Дар зерфасли ҳафтум доир ба тағйироти шакливу маъноии бавуҷудомада дар феъл сухан рафта, зикр мешавад, дар асар тақрибан беш аз 20 феълеро дидан мумкин аст, ки пурра ё қисман маънояшон дигаргун шудааст, мисли феълҳои **бошидан, хестан, хостан** ва ғ.

**Боби дувуми** диссертатсия **“Сохтори феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ** ном дошта, аз се зерфасл таркиб ёфтааст.

Калимасозӣ аз бахшҳои калони забон ба ҳисоб меравад. Он яке аз роҳҳои ғанӣ ва бойшавии таркиби луғавии забон аст. Аз рӯйи назарияи калимасозӣ онро ба навъҳои морфологӣ, сохторӣ-маъноӣ, синтаксисӣ, ономасиологӣ ва функсионалӣ-семантикӣ ҷудо мекунанд. Мувофиқи ин назария қолибҳои калимасозӣ мухталиф аст. “Ҳамон навъе ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар давраҳои ҷудогонаи инкишофи забони тоҷику форс аз ҷумла дар давраи нави тараққиёти ин забонҳо дар такомули феълҳо ду воситаи шаклсозию калимасозӣ – усулҳои аффиксатсию таркибӣ вуҷуд дошта ва роли ниҳоят калон бозидаанд” [2, 105].

Зерфасли аввали боби дувум **- Феълҳои содда** номида шуда, ба он феълҳои решагие дохил мешаванд, ки бо афзудани бандакҳои феълии

лозим бар асоси онҳо матлаби инсон дар яке аз замонҳо баён карда мешавад, мисли: *омадан, задан, гирифтан, овардан, расидан, кардан, гуфтан, додан, рафтан, сохтан, ниҳодан, афтодан* ва ғайра.

Аксари феълҳои соддаи дуҳиҷоии форсӣ-тоҷикӣ дар натиҷаи ба ҳам омадани унсурҳои гуногуни калимасозии форсии бостон шакл гирифтаанд. Сохти феълҳои содда баёнгари он аст, ки пешвандҳои таркиби феълҳои содда дар давраҳои минбаъда тобишҳои маъноии худро аз даст додаанду ҳамчун ҷузъи реша шинохта шудаанд [5, 118], мисли: омадан аз ā+gam, овардан аз ā+bar, омехтан аз ā+maig ва монанди инҳо. Намунаи ин афъол:

*Об бисёр **меомад** ва гили бисёр **меоварd**, то ба Битак ва Фараб расид [7, 7]. Пас он мардумон, ки ба Бухоро монда буданд, ба наздики меҳтарон кас **фиристоданд** ва фарёд хостанд аз ҷаври Абрӯй [7, 9].*

Гурӯҳе аз феълҳои шаклан соддаро, ки аз исму сифат шакл гирифтаанд, дар забоншиносӣ бештар бо номи феълҳои ҷаълӣ ёд кардаанд. Дар асар аз ин навъи феълҳо феъли **тарсидан, пурсидан, ларзидан, тафтонидан ва талабидан** зикр ёфтааст, ки дар асл аз исмҳои **тарс, пурс (суол), ларза, талаб** сохта шудаанд, дар забони муосир даҳҳо ин навъи феълҳоро намбар намудан имкон дорад, мисли **фаҳмидан, ҷангидан, ҳисобидан, хандидан**, **шуморидан (шумуридан), рақсидан, фахридан, номидан** ва ғайра.

Зерфасли дувуми боби мазкур - **Феълҳои сохта** номида шудааст. Феълҳое, ки тавассути пешванд ва ё пасвандҳои калимасози феъл сохта шудаанд, онҳоро феълҳои сохта меноманд. Аксари пешвандҳои феълсози муосир аз зарфҳо ба вуҷуд омадаанд, зеро "Матрук шудани пешвандҳои куҳан, ки аз оғози давраи забонҳои эронии миёна, яъне, забонҳое монанди паҳлавоник (паҳлавии ашконӣ) ва порсик (паҳлавии сосонӣ) анҷом ёфт, мӯҷиб шуд, ки забон ба пешвандҳои тозае муҳтоҷ шавад. Барои ин манзур пешояндҳо ва зарфҳо истифода шуд, мисли **даровардан, баровардан, баромадан, бозомадан, андаррафтан, бархостан, даргирифтан**

ва ҳоказо. Феълҳои сохтае, ки дар асар зикр гардидаанд дар заминаи феълҳои соддаи забон бо иловаи пешвандҳои калимасози **боз-, дар-, андар-, бар-** сохта шудаанд, ки ҳар яке аз ин пешвандҳо дорои маънои грамматикӣ низ мебошанд, ки намунаи онҳоро дар мисолҳо дида мебароем:

Пешванди **боз-**: ин пешванд бо сурати куҳан (абоз) аз дигар пешвандҳои зинда ва пуркорбурди забони форсӣ-тоҷикӣ аст, ки аз давраи классикӣ, то ба имрӯз мавриди истифода қарор дорад. Имрӯз ба маъноҳои дар ҷиҳати акс ва мухолиф ва аз нав ба кор меравад ва маънои феълро қувват дода, онро ба ҳолат ва макони аввалааш бармегардонад, дар пайвастан ба бархе аз феълҳо маънои наве сохтааст. Ин пешванд дар давраи бостон ба маънои "пайваста" ба кор мерафтааст ва зарфи замон будааст:

*Хайли вай ҳама бигурехтанд ва он саворон ҳама* ***бозгаштанд*** *[7, 18]. Ин қавмро Асад ибни Абдуллоҳ аз ислом* ***бознадошт*** *ва чун Туғшода Бухорохудоҳ бимурд он қавм ба Бухоро* ***бозомаданд*** *[7, 98].*

Дар зерфасли сеюм феълҳои таркибӣ таҳлил шуда, гуфта мешавад, ки феълҳои таркибӣ аз ду ё зиёда калимаҳо ҳамчун як воҳиди маъноӣ таркиб меёбанд ва дорои ҷузъи соҳибмаъно ва ҷузъи ёвар мебошанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар "Таърихи Бухоро" 32 калимаи феълӣ ҳамчун ҷузъи ҳамкарди (ҷузъи ёвари феълсоз) феълҳои таркибӣ истифода гардидааст, ки аз он ҷумла феълҳои кардан (беш аз 400 маротиба), шудан (қариби 200 маротиба), омадан (43 маротиба), ёфтан (26 маротиба), ҳамчун ҷузъи ҳамкарди (феъли ёвар) феълҳои таркибӣ дар асар дар ташкили феълҳои таркибии номӣ нақш доранд, ки қисми асосии ин гуна феълҳои таркибӣ аз ҳиссаҳои номии нутқ иборат аст, намунаи онҳо: ёд кардан, кор кардан, рағбат намудан, қиём намудан, озод шудан, сурх шудан, омода гардидан, намудор гаштан, муҳайё сохтан ва ҳоказо.

*Ва ӯро бо аҳли Суғд ҳарбҳои бисёр* ***иттифоқ афтод*** *ва ба охир марде аз аҳли Бухоро ин Суғдиёнро бикушт ва он қавм пароканда шуданд [7, 121]. Қутайба Бухходоро боз ба Туғшода дод ва ӯро* ***ба мулк бинишонд*** *[7, 16].*

Зерфасли чаҳоруми боби дувум **- Ҷузъҳои шаклсози грамматикӣ дар феъл** ном дошта, дар он доир ба воситаҳои шаклсозию калимасозӣ мисли калимаҳои ҷузъҳои ёвар, вандҳо, аҷзои тасрифӣ, зада ва ғайраҳо тавзеҳот оварда шуда, бо мисолҳо таҳлил гардидаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар матни "Таърихи Бухоро" қабл аз ҳама вандҳо чун ҷузъи шаклсози феъл нақши барҷаста доранд ва доираи феълҳои ёвари шаклсоз ва пасвандҳои шаклсоз маҳдуд ба назар мерасанд.

Як гурӯҳ пешвандҳои забони тоҷикӣ бо феъл омада, шаклҳои грамматикӣ месозанд ва ба воситаи онҳо тобишҳо ва маъноҳои грамматикиву услубии феълҳо ҳамчун инкор, замон, оҳангнокии сухан ва ғайра ифода мегардад. Ин гуна пешвандҳо маънои аслии (луғавии) феълро тағйир дода наметавонанд, бинобар ин пешвандҳои шаклсоз ном гирифтаанд: **на-//ма, ме-// ҳаме-, би-//бу-**. Инчунин, дар адабиёти классикӣ пасвандҳои феълӣ, мисли "йо"-и ҳикоят, "алиф"-и дуо низ ба назар мерасад, ки барои насли имрӯзӣ ноошност, зеро дар гуфтори имрӯзиҳо чунин шаклҳо вуҷуд надорад.

Пешванди **на-** ба феъл ҳамроҳ шуда, шакли инкор (манфӣ) месозад ва нашудани кору ҳолеро мефаҳмонад [1, 251]:

*Пеш аз он ба Бухоро сим* ***набуд*** *[7, 12]. Ва ҳеҷ* ***сухан нагуфтанд*** *ва шамшерҳо кашиданд ва сари вайро бардоштанд [7, 18].*

Дар феълҳои сохта ду тарзи истеъмоли пешванди инкорӣ маъмул аст: дар афъоле, ки бо пешванди **бар-, дар-, фур-** сохта мешаванд, пешванди инкорӣ аксар дар аввал оварда мешаванд [1, 252], аммо дар нусхаи мавриди назари мо намунае дар чунин шакл дида нашуд.

Дар баъзе афъоли бо пешванди **бар-** ва **дар-** сохташуда пешванди инкорӣ пас аз пешванди феълсоз (бевосита қабл аз феъли асосӣ) меояд:

*Аз ин сухан як моҳ **барнаёмада буд**, ки амири Хуросон бимурд ва ғавғо бархост ва зиндон бишикастанд ва Ҳафс бинни Ҳошим бигурехт, саройи ӯ ғорат карданд [7, 87]. Ҳеч кас аз ин қавм аз ислом **барнагашт** ва ҳар ки монд бар ислом монд [7, 98].*

Пешванди **ме-** ба асосҳои феълӣ ҳамроҳ шуда, шаклҳои замонӣ месозад.

*Гуфтам: аз ин пирамард чӣ **мехоҳӣ** [7, 161]? ...ва ин касон, ки маро **мебаранд** васият кун, то эшон маро некӯ доранд [7, 164]. Об бисёр **меомад** ва гили бисёр **меовард**, то ба Битак ва Фараб расид [7, 7]. Вай **дар банд мебуд** пеши Софии ходим то охири аҳди Муътазад [7, 165].*

**"Бо"**-и зинат новобаста аз вазифаи муайян надоштанаш дар гузашта серистеъмол будааст, мисли "**йо**"-и ҳикоят [1, 255].

***"Йо"-и* ҳикоят** (пасванди– ***ӣ//-е****)* дар забони осори ин асрҳо **-ӣ//-е («йо»-и ҳикоят)** хеле серистеъмол аст. Ин пасванд одатан амали давомнокро ифода карда, пас аз бандакҳои феълӣ ҷой мегирифт ва шаклҳои замони ҳозира-оянда, замони гузаштаи ҳикоягӣ ва замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ месохт:

*...ӯро аз ҷумлаи уббод-ус-солиҳин **гуфтандӣ** [7, 5]. Вай зариба ниҳода буд бар аҳли русто, ки ҳар рӯзе аз деҳқонон...**ба хидмат омаданд** ва аз дур **биистодандӣ** ва чун Хотун берун **омадӣ,** ҳама **хидмат кардандӣ** ва ба ду саф **истодандӣ** [7, 14]. Ӯ дар кори мулк **нигариш кардӣ** ва **амру наҳй мерондӣ** [7, 15].*

**Алифи дуо** дар феълҳои маънои дуоидошта қабл аз ҷонишини севумшахси танҳо (ё шиноса) дар феъли замони ҳозира-оянда (бидуни **ме-, ҳаме-**, ё **би-**) оварда мешуд, мисли: **кунод** (аз кунад), **бинод** (аз бинад), **расод** (аз расад), **бод** (аз бувад, ки аввал ба сурати **бувод** дармеояд ва сипас вов ҳазф мешавад). Гоҳе ба ҷои он ки қабл аз "-д"-и ҷонишини севумшахс алифе изофа кунанд, пас аз он ин алифро илова мекунанд: **кунадо, бинадо, бувадо**. Ва гоҳе ҳар ду "алиф"-ро меафзоянд: **бодо, кунодо:**

*Худованд сер **кунод** туро! Ҳалок шудаӣ, хабар нест [7, 82]!?*

**Пасванди –ид.** Пасванди мазкур дар сохтани феъл аз ҳисоби асоси замони ҳозира-оянда ва исмҳо саҳмгузор аст, вале сермаҳсул нест:

*Якеро **баргузиданд** ва амир карданд, номи ӯ Абравӣ буд [7, 8]. Аз Байғу ҷавоб омад, ки он вилоятро ба ту **бахшидам** [7, 10].*

**Пасванди –онид (-онд).** Пасванди **–онид (-онд)** ба асоси замони ҳозира-оянда ҳамроҳ шуда феъли бавосита месозад:

*Ва боз аҳд карданд бар ҳамон ҷумла, ки аввал карда буданд, ки мусалмононро **наранҷонанд** [7, 119].*

**Боби севуми** диссертатсия **- "Хусусиятҳои грамматикии феълҳо дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ"** фарогири чаҳор зерфасл мебошад, ки дар он хусусиёти грамматикии феълҳои асар аз нигоҳи намуд, тарз, замон, сиға ва унсурҳои баҳсноки феъл, аз қабили масоили марбут ба фаҳмиши истилоҳоти "дуруст" ва "нодуруст" ва ҳамчунин тарзи бавосита ва бевосита дар феъл таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Зерфасли аввали боби севуми боби охир - **Асосҳои феъл (феълҳои боқоида ва беқоида)** ном дошта, аз сабаби он ки калимаҳои мансуб ба феъл ҳангоми ифода намудани маъно дар замони гузашта як шакл доранд ва ҳангоми ифода намудани он маъно дар замони ҳозира-оянда шакли дигаре доранд ва боқимонда маъноҳои грамматикии феълие, ки дар забон мавҷуданду шакли муайян доранд, дар заминаи асоси замони гузашта ва асоси замони ҳозираи феълҳо сохта мешаванд, дар забони тоҷикӣ расман ду асоси феъл, яъне асоси замони гузашта ва асоси замони ҳозираро эътироф менамоянд.

Асоси замони гузашта амали баохиррасидаро мефаҳмонад ва бо шахси савуми танҳои замони гузашта баробар мебошад, мисли: бурд, зад, хест, рафт, хӯрд, нӯшид, бурид.

Шаклҳои замони гузаштаи оддӣ, гузаштаи ҳикоягӣ ва баъзе шаклҳои ифодаи замонӣ ва сиғавӣ аз асоси замони гузаштаи феъл сохта мешаванд.

Асоси замони ҳозира амали иҷрошавандаро фаҳмонда, он ба замони ҳозира ва оянда мутааллиқ аст ва ба шахси якуми феъли амр баробар мебошад, мисли: бар, зан, хон, хез, рав, хӯр, нӯш, бур.

Шаклҳои замони ҳозира-оянда, аорист, феъли амр, сифати феълии замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феъл сохта мешаванд.

Дигаргунӣ дар байни асосҳои феълҳои беқоида ҳангоми аз асоси замони ҳозира ба асоси замони гузашта нақл гардидан дар дараҷаҳои мухталиф ба вуҷуд меояд. Аксаран бадалшавии ҳамсадоҳо ва гоҳо табдили садонокҳо ба амал меояд, мисли: банд – баст, бар – бурд, бин – дид...

Асосҳои феълӣ аз ҷиҳати дучор шудан ё нашудан ба табдили савтӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: боқоида ва беқоида. Чунончи забоншиноси маъруф Рудигер Шмит ин маъниро чунин зикр намудааст. "Байни моддаи музореъ ва моддаи мозӣ (асоси замони ҳозира ва асоси замони гузашта – Р. Б.) робитаи сарфии муназзаме, ки битавонад ҳамаи тиквожҳои қомусии феълиро (яъне, асосҳои луғавӣ) шомил шавад, вуҷуд надорад. Дар ҳудуди 120 феъл (тақрибан нисфи афъоли роиҷ дар забони имрӯзӣ) иртиботи мавҷуд байни моддаи музореъ ва моддаи мозӣ ҳаммонанди иртиботи **рас** – бо **расид** – аст (моддаи мозӣ – моддаи музореъ + ид) ва метавон ин афъолро қоидаманд ба шумор овард" [5, 445].

Феълҳои боқоида феълҳое мебошанд, ки ҳангоми гузаштан аз асоси замони ҳозира ба асоси замони гузашта дар таркиби онҳо тағйироте ба амал намеояд, мисли: бор – борид, боф – бофт, дав - давид...

Боқоида ва қиёсӣ будани феълҳои махтум ба "**-ид**" ва масдарҳои махтум ба "**-идан**" мӯҷиб шудааст, ки забони тоҷикӣ (форсӣ) гоҳ-гоҳ барои баёни мафҳумҳои феълӣ ба кумаки ин пасванд аз исмҳо ва сифатҳо баъзе феълҳои нав бисозад [201, 238], мисли аз ҷанг, чарх, дузд, хушк, тарс, ланг, фаҳм, талаб, балъ, ҳисоб, рақс... феълҳои ҷангидан, чархидан,

дуздидан, хушкидан, тарсидан, лангидан, фаҳмидан, талабидан, балъидан, ҳисобидан, рақсидан ва ғ. Намунаҳои асар:

*Чун Хотун ба наздики ӯ омад аз ӯ* ***битарсид*** *ва зуд бигурехт [7, 76]....ҳарб мекарданду такбир мегуфтанд, чунон ки замин* ***меларзид*** *[7, 108]. Ва дурудгарон ва наққошонро фармуда, ки сол то сол бутон* ***тарошидандӣ*** *[7, 42].*

Қариб ҳамаи инҳо феълҳои исмие ҳастанд, ки бо мақсади гурез аз феълҳои беқоида ва таркибӣ дар забони муосири тоҷикӣ ба кор мераванд.

Пас аз тавзеҳи масъалаи тасриф феълҳои бавосита ва бевосита баррасӣ шудаанд. Гуфта мешавад, дар феълҳои бевосита мубтадо амалро бевосита худаш иҷро мекунад, ба ин гурӯҳ ҳам феълҳои монда ва ҳам феълҳои гузаранда дохил мешаванд:

*Аз баъди вай Қутайба* ***ба мулк нишаст****, муддате мусалмон буд боз* ***риддат овард*** *дар ниҳон [7, 17]. Саид аз дари Бухоро* ***бозгашт*** *ва* ***рафту*** *ҳанӯз* ***меравад*** *[7, 75]. Мардумонро* ***даъват кардӣ*** *ба хилофати фарзандони амиралмуъминин Алӣ (р) [7, 102].*

Дар феълҳои бавосита мубтадо амалро ба воситаи касе ё чизе иҷро мекунад. Шаклҳои бавоситаи феъл дар замони гузашта бо роҳи бар асоси замони ҳозира-оянда ҳамроҳ кардани пасванди бавоситасози **-он (-ён)** ва пасон овардани пасванди замони гузаштасоз аз асоси замони ҳозира-оянда “**–ид**” (ё шакли мухаффафи он –д) сохта мешавад: *Писари Туғшодаро ба Бухорохудоӣ* ***нишонд*** *ва Холид ибни Ҷунайдро ба Бухоро ба амирӣ* ***нишонд*** *[7, 102]....ин неъмате бад-ин бузургиро бад-ин як тан мондаанд ва дигарони хешро* ***маҳрум гардонидаанд*** *[7, 130]? Ҳишом ибни Абдулмалик ибни Марвон Насри Сайёрро ба Хуросон* ***амир гардонид*** *ва маншури Хуросон ба вай фиристод [7, 98].*

Дар зерфасли чаҳорум масъалаи истифодаи сиғаҳои феъл баррасӣ шуда, изҳор мегардад, ки дар забони матни осори асрҳои IX-X чаҳор сиға мушоҳида мешавад, ки ҳамаи шаклҳои замонии феълҳо аз рӯйи

маънӣ ва хусусияти воқеиашон ба ин сиғаҳо мансуб мегарданд: сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сиғаи амр, сиғаи дуоӣ.

Дар хулосаи кор маҷмӯи натиҷаҳои бадастомада зикр шудааст.

Хулосаи диссертатсияи номзадӣ бар пояи пажӯҳишу таҳлиле, ки дар бобҳои дохилии он анҷом шудааст, чунин натиҷагирӣ мешавад:

Дар асоси маводи таҳлилшуда метавон хулоса кард, ки воситаи ифодаи калом ва сабки баён дар нусхаи аввалияи тарҷумаи форсии матни арабии китоби “Таърихи Бухоро”, махсусан дар мисоли калимаҳои феълӣ имкон дорад, ки манзараи забони асарро дар шакли забони адабии марҳилаи аввали ташаккули форсӣ-тоҷикӣ, ки вижагиҳои хосси он аз таълифи асари мазкур пештар ба амал омадааст. Натиҷагирӣ аз хусусиёти грамматикии амали таҳқиқиро мушаххасан метавон чунин баён намуд:

1. Феълҳои содда ва сохта дар муқоиса ба феълҳои таркибӣ бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд;

2. Дар замони таълифи “Таърихи Бухоро” таркиби луғавии забони тоҷикӣ аз ҳисоби иқтибосот, калимасозӣ, сермаъношавӣ ва вуруди луғоти лаҳҷавӣ бою ғанӣ гардидааст. Ва бештари иқтибосоти арабӣ дар ин замон ҳамчун исми амал кор фармуда шудаанд;

3. Аз ин замон ба баъд раванди бо роҳи таркибӣ сохта шудани феълҳо қувват гирифта, минбаъд дар таркиби луғавии забон нақши барҷаста касб мекунад.

4. Як миқдори муайяни феълҳо дар гузашта сермаъно будаанд, вале дар забони муосир дар доираи маҳдуди маъноӣ истеъмол мегарданд, мисли: хондан, хестан ва амсоли он;

5. Як гурӯҳ воҳидҳои луғавӣ дар забони муосири тоҷикӣ тағйири маъно кардаанд, ҳол он ки дар асар маъноҳои имрӯзиашонро ифода наменамоянд, мисли: хезидан, гудохтан. Баъзе аз шаклҳои феълии дар асар истифодашаванда дар забони адабии муосири тоҷик корбаст намешаванд, мисли: мунодӣ кардан, нагунбон кардан, нагунидан ва ғ.;

6. Як гурӯҳ унсурҳои луғавӣ-феълии дар забони адабии ин асрҳо мустаъмал ҳоло танҳо дар шеваҳо боқӣ мондаанд, мисли: тафтонидан, мурдан ва амсоли он.;

7. Дар асар ҳеҷ як сифати феълие бо пасванди –гӣ ба назар намерасад; дар замони муосир пасванди –анд дар ифодаи тарзи мафъулӣ нақши камтаре дорад, вале дар асар дар аксари ҳолот ҳамчун шакли мафъулсози феъл истеъмол гардидааст;

8. Дар асар вандҳо мувофиқи хусусияташон ба ду гурӯҳ – ба гурӯҳи пешвандҳои шаклсоз ҳаме-//ме-, би-//бу- ва гурӯҳи дувум пасвандҳои шаклсоз –е (-й), -анд ҷудо карда шудаанд. Ҷиҳати муҳимми ин ду гурӯҳи вандҳо дар он аст, ки онҳо маъноҳои грамматикиро ифода намуда, хусусияти шаклсозӣ доранд; ва ба шахсу шумораи фоъили амал далолат намекунад.

Пешвандҳои феълсози дар асар омада инҳо: андар-, дар-, фаро-, фароз-, боз-, бар-, фуруд-//фурӯ- мебошанд, агар пешванди андар- истисно карда шавад, пас пешвандҳои мазкур ҳамон пешвандҳои маъмулии забони адабии муосири тоҷик буда, аз назари шакл ва мазмуну мундариҷа ягон ҷиҳати фарққунандае надоранд, яъне вижагии луғавӣ дошта, дар заминаи феъл феъли дигаре месозанд ва ё ба феъл тобиши маъноӣ мебахшанд. Шаклҳои феълӣ сарфи назар аз он ки дар насри ин давра аз назари микдор бағоят зиёданд, ҳар кадоми онҳо дар сохти феъл мавқеи муайян дошта, дар ифодаи маъниҳои ҷудогона дар байнашон як навъ алоқамандии диалектикӣ мавҷуд аст;

Як қатор шаклҳои феълие, ки дар насри ин марҳила истеъмол мешуданд, масалан шаклҳои: **ҳаме//мекун, ҳаме//мебикунад, кунаде, бикунаде, кунод, бикунод, ҳамекард, ҳаме//мебикард, карде, бикарде, ҳаме//мекарде, бикардааст, бикардаасте, бикарда будааст, бикарда будаст, кардасте, бикарда буд, карда буде, бикарда буде, бикарда бошад, хоҳад кардан, бихоҳад кардан //бихоҳад кард, ҳамехоҳад кард** ва монанди инҳо тадриҷан аз истифода баромадаанд;

Таркибҳои модалии **тавонад хондан, хост хондан // хост хонд, бояд хондан, шояд хондан, ёраст хондан // ёраст хонд**, ки дар замони таълифи асар (асрҳои Х11-Х111) мавқеи калони истеъмолӣ доштаанд, дар насри ҳозира бо тағйири шакл ё худ бо ҷойивазкунии калимаҳои шаклдиҳандаи воҳиди луғавӣ истифода мешаванд. Яъне, агар дар гузашта феъли модалӣ қабл аз феъли асосӣ зикр мегардид, пас дар замони муосир баъди феъли асосӣ зикр мегардад.

## АДАБИЁТИ ИЛМИИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1 / Ҳ. Каримов, А. Маниёзов, А. Мирзоев и др. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 356 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1 / Б. Ниёзмуҳаммадов, С. Ҷ. Арзуманов, Ҳ. Рауфов, В. А. Капранов ва ғ. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 447 с.
3. Ильиш Б. А. Строй современного английского языка / Б. А. Ильиш. – Ленинград, 1971.
4. Сиёев Б. Очерк доир ба таърихи феъли забони адабии тоҷик / Б. Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 165с.

5. انوری حسن. دستور زبان فارسی 2 / حسن انوری، حسن احمدی گیوی. –قم: چاپخانه ستاره، 1373. –356ص.

6. رودیگر اشمیت (ترجمه ح. ر. باغبیدی). راهنمای زبانهای ایرانی. جلد 2. زبانهای ایرانی نو / اشمیت رودگیر. –تهران: ققنوس، 1939. –342ص.


## <u>Манбаъ:</u>


7. Наршахӣ Абубакр. Таърихи Бухоро / Абубакри Наршахӣ. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 179 с.

**Мазмуни асосии диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф ифода ёфтааст:**

**Монография:**

Раҳмонов Б. Хусусиятҳои луғавию грамматикии феъл / Б. Раҳмонов. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 187 с.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА-и Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Раҳмонов Б. Феълҳои таркибӣ дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2014, - № 4/2. С. 69-74.
2. Раҳмонов Б. Доир ба як ҷанбаи муносибати мубтадо ва хабар дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2014, - № 4/3. С. 61-67.
3. Раҳмонов Б. Қолибҳои иқтибосии феълҳои муҷарради арабӣ дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2014, - № 4/4. С. 69-77.
4. Раҳмонов Б. Баъзе ҷанбаҳои назариявии категорияи замон дар забоншиносӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2015, - № 4/1. С. 76-79.
5. Раҳмонов Б. Ҷузъҳои шаклсози дастурӣ дар феъл (дар асоси маводи "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ) / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2015, - № 4/2. С. 49-57.
6. Раҳмонов Б. Маҳдудаи сохторӣ ва маъноии феълҳои ёвар (дар асоси маводи "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ) / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2017, - № 4. С. 78-86
7. Раҳмонов Б. Хусусиёти маъноӣ ва шаклии феълҳои ҳамкард (дар асоси маводи "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ) / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2017, - № 5. С. 82-87
8. Раҳмонов Б. Мутобиқати шахсу шумораи феъл дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2017, - № 6. С. 112-119.